**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. (Душанбе, 2023)**

Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ бо мукаммал шудани қонунгузории молиявӣ фаъолияти молиявии давлат ҳамчун бахши таркибии муҳим ва зарурии низоми сиёсати иҷтимоии давлат қарор гирифта, васоит ва тарзу усулҳои гуногуне ба кор бурда шуд, ки онҳо ба коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ равона карда шудаанд.

Қонунгузории молиявии Тоҷикистон марҳилаҳои гуногуни инкишофро паси сар намуда, дар замони соҳибистиқлолии кишвар мукаммал гардид. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад.

Дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодӣ амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Низоми молиявии давлат яке аз механизмҳои нисбатан муҳимме мебошад, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд.

Албатта, мақсади меҳварии тамоми низоми қонунгузории молиявии кишварро, ки амал карда истодаанд, ба таври ояндабинона танзими муносибатҳои молиявӣ ва ба ҳамин васила баамалбарории самараноки сиёсати молиявии давлатӣ мебошад.

Қобили зикр мебошад, ки вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати молиявӣ бисёртар бо сиёсати буҷетӣ таъмин карда мешавад, ки чабҳаҳои асосии он инҳоянд: - таъмини молиявии иҷрои вазифаҳои давлат; - дастгирии молиявии устуворгардонии мамлакат; - таъмини ягонагии молиявии ҷумҳурӣ; - муҳайё намудани шароит барои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ.

Сиёсати буҷетӣ сиёсати даромад ва хароҷоти буҷетҳои зинаҳои гуногун, идоракунии қарзи давлатӣ ва дороиҳои давлатӣ, муносибати

тарафайни байнибуҷетӣ ва низоми идоракунии молияи давлатиро иҷро менамояд.

Ҳолати болозикр аз он шаҳодат медиҳад, ки танзими муносибатҳои молиявӣ ва дар ин замина рушди сиёсати молиявии давлатӣ боис мегарданд, ки ҳолати молиявии кишвар рӯ ба ташаккул оварад. Дар ин русто, барои рушд кардани сиёсати молиявӣ ва қонунгузории он нақши буҷет низ бениҳоят арзишманд эътироф гардидааст.

Ҳамин тариқ, бояд тазаккур дод, ки то чӣ андоза қонунгузории молиявӣ ташаккул ва рушд ёфта бошад, то ба ҳамин андоза муносибатҳои молиявӣ, идоракунии молиявӣ ва дар маҷму сиёсати молиявӣ низ рӯ ба ташаккул мениҳад. Бо ин назардошт, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти ин таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ барои рушди низоми ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳавӣ ва дар раванди омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди механизмҳои амалинамоии сиёсати молиявии давлатӣ ва ғайра саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эродҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Аз ҷониби диссертант дар номгӯи навгониҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида нисбат ба имтиёзҳои андозӣ барои занон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. (саҳ. 11). Аммо ба таври мушаххас унвонҷӯ роҷеъ ба масъалаи пажуҳишгардида мавқеи худро муайян накардааст.

2. Дар диссертатсия ишораҳо оид ба стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар самти молияи давлатӣ рафтааст, аммо номгӯи онҳо зикр карда нашудааст, ки барои мушаххаснамоии масоили баррасишаванда мувофиқи мақсад мебошад (саҳ. 20).

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М. Диноршоҳ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02,
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус С.М. Пирназаров
«01» июли 2023 с.